«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Директори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ
Шарифзода Ф. Х. ________
"__21__" ___апрели___ соли 2023

**Хулосаи**
**шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ**

Диссертатсияи номзадии Манонзода Абубакр Манон дар мавзуи "Достони "Рамаяна" ва тарҷумаҳои форсии тоҷикии он" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик дар шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ ба анҷом расидааст.

Манонзода Абубакр Манон зинаи унвонҷӯии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистонро гузаштааст.

Роҳбари илмии ӯ номзади илми филология ходими пешбари шуъбаи мазкур Муҳаммадиев Шамсиддин Муродович мебошад. Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ аз 24.04.2020, қарори №5 (протоколи №4) тасдиқ шудааст.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Диссертатсия дар сатҳи хуби илмӣ-назариявӣ таълиф гардида, мавзуи баҳси он "Достони "Рамаяна" ва тарҷумаҳои форсии тоҷикии он" мебошад.

Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб (4 фасл дар боби якум, 5 фасл дар боби дуюм, 5 фасл дар боби сеюм), хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замима иборат мебошад. Мавзуи мавриди таҳқиқ мубрам буда, муаллиф ҳамосаи бостонии Ҳинд "Рамаяна" ва тарҷумаҳои форсии тоҷикии онро дар контексти тарҷумаи осори ҳиндӣ ба забони форсии торҷикӣ ва равобити адабии мардумони Осиёи Марказӣ ва шибҳи қорраи Ҳиндустон таҳқиқ намудааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Таҳқиқи осори тарҷумашуда аз забонҳои Ҳинди бостон ба форсии тоҷикӣ ва вижагиҳои адабиву бадеии тарҷумаҳои ҳамосаи "Рамаяна" ба ин забон ва хоса тарҷумаи манзуми ин достон ба қалами Шайх Саъдуллоҳ Масеҳои Понипатӣ мақсади асосии таҳқиқот мебошад. Ин ҳадаф ҳалли масъалаҳои зеринро тақозо дорад, ки чун **вазифаҳои асосии таҳқиқот** шуморида мешаванд:

- таҳқиқу баррасии осори тарҷумашуда аз забонҳои санскрит ва ҳиндӣ ба форсии тоҷикӣ;
- тарҷумаҳои форсии осори риштаҳои гуногуни илм ва нақшу ҷойгоҳи онҳо дар рушду ғинои адаби форсии тоҷикӣ;
- муаррифӣ ва ошноӣ бо "Рамаяна" –бузургтарин ва қадимтарин асари ишқии Ҳинди бостон;
- таҳлилу таҳқиқи тарҷумаҳои форсии ин ҳамоса аз асрҳои миёна то имрӯз;
- таҳқиқу пажуҳиши тарҷумаи манзуми Масеҳои Понипатӣ аз достони "Рамаяна";
- баррасии масъалаҳои вазн, қофия, радиф ва анои онҳо дар маснавии "Ром ва Сито";
- истифодаи санъатҳои бадеӣ ва вижагиҳои он дар баёни ҳунари шоирии Масеҳои Понипатӣ.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳамияти назарии таҳқиқот пеш аз ҳама дар натиҷаҳои ба даст омада аз пажуҳиши ин масъала инъикос ёфтааст. Натиҷаҳои ба дастомада аз мавзуи мазкур дар таҳқиқу баррасӣ оид ба масъалаҳои марбут ба тарҷумаи осори бадеӣ ба забони тоҷикӣ хоса даврони асриминагии он дорои арзиши баланди илмӣ ва назарӣ мебошад.

Аҳамияти амалии таҳқиқотро истифодаи натиҷа ва дастовардҳои таҳқиқот ҳангоми иҷрои корҳои зер ташкил медиҳад:

-таҳқиқу омӯзиши масъалаҳои тарҷумаи осори бадеӣ аз забонҳои мухталиф ба забони форсии тоҷикӣ;

-тадрису таълими курси «адабиёти форсизабони шибҳи қорра», бахусус қисматҳои «тарҷумаи осори бостонии Ҳинд», «тарҷумаи манзуми осори бадеӣ»ва ғайра;

-таҳияи китобҳои дарсиву дастурҳои таълимии таърихи адабиёт, назарияи тарҷума, таърихи адабиёти форсизабони Ҳиндустон;

**Навгониҳои илмии таҳқиқот**. Дар диссертатсия бори аввал таҳқиқу баррасии тарҷумаҳои осори ҳиндӣ ва санскрит ба форсии тоҷикӣ таҳлилу баррасӣ гардида, ҷойгоҳи тарҷумаҳои форсии "Рамаяна"-ро дар ин замина муайяну мушаххас, ҳунари шоирии Масеҳои Понипатиро бар асоси маснавии "Ром ва Сито"-и ӯ ошкор ва вижагиҳои бадеӣ, шеърӣ ва забону баёни он таҳқиқу тадқиқ шудааст.

Нуқтаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илми зер ироа гардидааст:

[1-М]. Манонзода А.М. Муколамаи адабӣ ва фарҳангии Эрону Ҳинд дар даврai Сосониён [Матн] // Маҷмуаи мақолаҳои илмии конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи "Рушди илм ва маориф дар шароити ҷаҳонишавӣ дар мисоли шароити кӯҳистон: мушкилот, равишҳои нав ва

таҳқикотҳои дахлдор” бахшида ба 30-солагии Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 30-солагии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев. - Хоруғ: ҶДММ «Аршам», 2022. –С. 362 - 366.
[2-М]. Манонзода А.М. Нигоҳе ба пайвандҳои адабӣ ва фарҳангии мардумони эрониву ҳинд дар аҳди бостон [Матн] // Муштаракоти таърихиву фарҳангӣ ва робитаҳои иқтисодиву фарҳангии халқи тоҷик бо кишварҳои Шарқи Миёна ва Наздик ва дурнамои он (Маводи илмии конференсияи байналмилалӣ). Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо АМИТ. - Душанбе: 2023. –С. 245 - 254.
[3-М]. Манонзода А.М. Вазн ва баъзе истисноҳои арӯзӣ, қофия ва радиф дар достони “Ромоян” (“Ром ва Сито”)-и Масеҳои Панипатӣ [Матн] // Амир Хусрави Деҳлавӣ –шоири хамсасаро (маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявӣ).Донишгоҳи байналмилалии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. - Душанбе: ҶДММ «Таъбу нашр», 2023. –С. 44 - 57.
[4-М]. Манонзода А.М. Нигоҳе ба пайвандҳои адабӣ ва фарҳангии мардумони эрониву ҳинд дар аҳди бостон//Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи “Аз таърихи пайвандҳои илмӣ ва адабии халқҳои тоҷику ӯзбек: гузашта, ҳозира ва оянда” ба дар иртибот ба ифтихори 31-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 145-солагии сардафтари адабиёти муосири тоҷику ӯзбек Садриддин Айнӣ, эҳёи нави густариши робитаҳои иқтисодӣ, илмӣ-адабӣ ва фарҳангии Тоҷикистону Ӯзбекистон (27-28.04.2023). Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. - Душанбе: 2023. –С. 201 - 204.

Муҳтавои асосии рисола ва натиҷаҳои таҳқиқот дар 5 мақолаи маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и Федератсияи Русия ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расондаи зерини муаллифи рисола инъикос ёфтааст:
[1-М]. Манонзода А.М. Равобити адабӣ ва фарҳангии мардумони эронӣ ва ҳиндӣ дар даврони бостон [Матн] // Суханшиносӣ Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ.- Душанбе: МН «Дониш», 2021. -№4 – С 132-142.
[2-М]. Манонзода А.М. Муколамаи адабӣ ва фарҳангии Эрону Ҳинд дар давраи Сосониён [Матн] // Суханшиносӣ Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ.- Душанбе: МН «Дониш», 2022. -№2 – С 120 - 126.
[3-М]. Манонзода А.М. Равобити адабии Ҳинду Эрон дар замони Сосониён (224-651) [Матн] // Суханшиносӣ Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ.- Душанбе: МН «Дониш», 2022. -№3 – С 89 - 94.

[4-М]. Манонзода А.М. Санъатҳои лафзӣ дар Достони «Ром ва Сито» [Матн] // Паёми Донишкадаи забонҳо (силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих).- Душанбе: 2022. -№4 (48) – С 157-163.
[5-М]. Манонзода А.М. Мавқеи Санъатҳои ташбеҳ ва истиора дар Достони «Ром ва Сито» [Матн] // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ.- Душанбе: хиёбони Рӯдакӣ 121, 2023. -№2 – С 121-126.

Диссертатсияи номзадии Манонзода Абубакр Манон дар сатҳи баланди илмӣ-таҳқиқотӣ таълиф гардида, кори баанҷомрасидаест, ки ба талаботи КОА-и назди Президенти ҶТ ва талаботи таълифи корҳои илмӣ комилан ҷавобгӯ мебошад ва ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик тавсия карда мешавад.

Диссертатсияи Манонзода Абубакр Манон дар мавзуи “Достони “Рамаяна” ва тарҷумаҳои форсии тоҷикии он” дар ҷаласаи шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон баррасӣ шудааст.

Иштирок доштанд: 9 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” – 9 нафар, “зид” – нест, “бетараф” – нест. Қарори № 4 аз 18.04.2023.

Раиси маҷлис доктори илми филология,
узви пайвастаи АМИТ
Телефон: (+992) 98 797 55 55
E-mai: nsalimi_1960@mail.ru Салимӣ Носирҷон Юсуфзода

Котиб, номзади
илми филология Маликова Анзурат Саъдуллоевна

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21
Телефон: (+992) 227 27 52

Имзои Салимӣ Н.Ю. ва
Маликова А.С.-ро тасдиқ мекунам:

Нозири калони кадри
Институти забон ва адабиёти
ба номи Рӯдакии АМИТ Нарзиқулова Ҳилола